**Ба Шуроидиссертатсионии 6D.КОА 012 дар наздиДонишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2 )**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович таҳти унвони «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»ба яке аз самтҳои дорои аҳаммияти хоса - такмили соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши муҳимми иқтисодиёти миллӣ бахшида шудааст.

Мавзуи таҳқиқ на танҳо ҷиҳати қонеъ сохтани соҳибкорони дохилӣ балки ниёзҳои ҳаррӯзаи аҳолӣ, ҳамчун нишондиҳандаҳои сатҳу сифати зиндагии аҳолиро таъмин намудан ба молу маҳсулоти истеҳсолкардаихуд ва имкониятҳои рушди иқтисодиёт аҳаммияти назариявию амалиро доро мебошад.

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир ба унвони омили муҳимми ташаккулва аҳамияти фазои мусоиди соҳибкорӣ дар таъмини иҷтимоии устувор, таъминкунандаи ҷойҳои корӣ, мусоидаткунанда ба рушди соҳибкории хурду миёна ва баланд бардоштани рақобатпазирии молу маҳсулоти ниёзи аҳолӣ дар иқтисоди миллӣ шинохта мешавад.

Дар ин замина, таҳлилу арзёбии ташаккули асосҳои институтсионалии рушди бахши хусусӣ нишон медиҳад, ки дар се марҳала, яъне аз соли 1991 то соли 2006 (давраи фароҳамсозии асосҳои иқтисоди бозорӣ) ва солҳои 2006-2015, инчунин 2016-то ба ҳол асосҳои институтсионалии рушди бахши хусусӣ фароҳам карда шудааст. Дар баробари ин, мувофиқи мақсад аст, ки ислоҳотҳои амалишаванда то ба нуқтаи ниҳоии самараноки расонида шавад.

Муаллиф дар автореферат бо далелҳои оморӣ ва таҳлилҳои мукаммал нишон додааст, ки вобаста ба ин дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми дурнамои воситаҳо барои солҳои 2016-2030» аз рӯйи тамоми сарчашмаҳо дар умум маблағгузорӣ беш аз 118,1 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки ба бахши хусусӣ 54,7 млрд. доллари ИМА (46,3 фоиз), маблағҳои буҷетӣ 56,1 млрд. доллари ИМА (47,5 фоиз) ва саҳми шарикони рушд 7,3 млрд. доллари ИМА (6,2 фоиз) рост меояд.

Ин нишондод далели возеҳи зарурати ислоҳоти сохторӣ ва ворид намудани усулҳои нави идоракунии фазои мусоиди соҳибкорӣ истифодаи маълумотҳои рақамӣ ва такмили механизми танзими давлатӣ дар бахшҳои хусусӣ мебошад.

Муаллиф бо далелҳои илмӣ дуруст таъкид менамояд, ки рушди устувор ва дарозмуддати иқтисоди миллӣ дар шароити муосир бидуни такмил додани фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷорӣ намудани васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ин соҳа амалан ғайриимкон мебошад. Дар шароити рақобати ҷаҳонӣ, рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ ва афзоиши нақши иқтисоди донишбунёд, маҳз соҳибкории муосир метавонад ҳамчун омили асосии ташаккули рушди иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ баромад намояд. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳия ва татбиқи модели такмилёфтаи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин ҷорӣ намудани механизмҳо ва чораҳои муассири дастгирии он ба миён меояд.

Ин масъалаҳо дар кори илмии Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллиф тавонистааст бо такя ба асосноккунии илмӣ ва таҳлили амиқи равандҳои иқтисодӣ маҷмӯи тавсияҳои мушаххас ва амалиро пешниҳод намояд. Хусусияти фарқкунандаи диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф на танҳо мушкилоти мавҷудаи рушди соҳибкориро муайян кардааст, балки роҳҳои воқеӣ ва механизмҳои татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ ва технологиро низ пешниҳод намудааст.

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва методологии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҳамаҷониба баррасӣ шуда, таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва кишварҳои дорои иқтисоди рӯ ба рушд таҳлил гардидааст. Муаллиф таҷрибаи мазкурро бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар мавриди арзёбӣ қарор дода, имконияти мутобиқсозии он ба воқеияти рушди иқтисоди миллиро асоснок намудааст. Ин равиш ба баланд бардоштани арзиши амалии натиҷаҳои тадқиқот мусоидат мекунад.

Бо истифода аз таҳлилҳои оморӣ, усулҳои муқоисавӣ ва моделҳои иқтисодӣ-математикӣ, муаллиф тавонистааст робитаи мутақобилаи байни рушди бахши хусусӣ, сатҳи фаъолнокии соҳибкорӣ ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро нишон диҳад. Натиҷаҳои бадастомада исбот менамоянд, ки густариши фаъолияти соҳибкорӣ ва татбиқи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ба беҳтар гардидани самаранокии истеҳсолот, афзоиши даромадҳо ва таҳкими пояҳои рушди иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

Ҳарчандтаҳқиқоти мазкурдороиаҳаммиятиназариявӣваамалӣбошад ҳам, бархепаҳлӯҳои он метавонанд дар оянда боз ҳаммукаммалгарданд. Аз ҷумла:

1. Дар ҷадвали 2 – моҳияти иқтисодии муҳити соҳибкорӣ аз нуқтаи назари олимону коршиносон нишон дода шудааст, аммо андешаи муаллифии таҳқиқотчӣ дар он ворид карда нашудааст.

2. Муаллиф дар автореферат зикр менамояд, ки ҳангоми муайянсозии мафҳуми фазои соҳибкорӣ низ дар адабиёти илмӣ баҳснокии амиқ ба назар мерасанд. Нуктаи назари муаллиф тавзеҳ дода нашудааст.

Ин норасоиҳои ҷузъӣ арзиши илмӣ ва амалӣ доштани диссертатсияро коста намекунанд.

Хулоса автореферати диссертатсияи пешниҳодшудаи муаллиф дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта арзёбӣ гардида, дорои натиҷаҳои илмию амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович сазовори ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини якум, муовини ректор оид
ба таълими Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирсаидов С.А.

Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов С.А.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М.А.

Суроғаи донишгоҳ: 734067,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов,
64/14. Тел.+ 992 7802994
**E-mail:** surush-sa@mail.ru